05 12 2018



**3 декабр Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо як катор кадрхое, ки ба вазифахои рохбарикунанда дар сохтору вохидхои Вазорати корхои дохилии Чумхурии Точикистон таъйин гардиданд, сухбат намуданд.**
Хамин тавр, сардорони шуъбахои Вазорати корхои дохилӣ дар 23 шахру нохияхои мамлакат иваз карда шуданд.
Сардорони шуъбахои Вазорати корхои дохилӣ дар шахри Норак, нохияхои Кӯшониён, Дӯстӣ, Шамсиддини Шохин, Дангара, Панч, Восеъ ва Муъминободи вилояти Хатлон аз хисоби кадрхои чавону ботачриба ва дорои дарачаи тахассуси баланд таъйин гардиданд.
Сардорони шуъбаи Вазорати корхои дохилӣ дар шахри Хучанд, шуъбахои №1 ва 2-и Вазорати корхои дохилӣ дар шахри Исфара, шуъбахои Вазорати корхои дохилӣ дар шахрхои Конибодом ва Истаравшан, нохияхои Шахристон, Кӯхистони Мастчох, Айнӣ ва Деваштичи вилояти Сугд низ иваз карда шуданд.
Хамчунин, сардорони шуъбахои Вазорати корхои дохилӣ дар шахрхои Турсунзода ва Вахдат, шуъбаи №1-и Вазорати корхои дохилӣ дар нохияи Синои шахри Душанбе,

нохияи Шахринав, сардори Муассисаи давлатии таълимии коллечи милитсияи Вазорати корхои дохилӣ дар шахри Кӯлоб ва сардори шуъбаи  Вазорати корхои дохилӣ дар хати фурудгохи шахри Душанбеи раёсати вазорат дар наклиёт таъйин гардиданд.
Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон зимни сухбат бо кадрхои навтаъйиншуда таъкид карданд, ки бо дасту дилу нияти пок барои волоияти конун, таъмини амният, хукуку озодихои шахрвандон ва мусоидат дар раванди созандагию бунёдкорӣ бо мехнати садокатмандонаву софдилонаи худ сахми муносиб гузоранд.
Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон диккати кадрхоро махсусан, ба масъалаи мубориза алайхи ифротгарой, пешгирии чинояткории муташаккили фаромиллӣ ва гардиши гайриконунии маводи нашъаовар ва дигар конуншиканихо чалб намуданд.